**Тақризи**

Роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Шарипов Хушвахт Пирумкулович дар мавзӯи «Рушди қарздиҳии хурд дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои корхонаҳои корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо комплекси агроса-ноатӣ

Зарурияти ҳалли вазифаи калидии Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 - то 3 маротиба зиёд намудани ММД, водор месозад, то саҳми муҳими қарздиҳии хурдро дар ҷараёни мазкур эътироф намоем.

Имрӯзҳо қарздиҳии хурд муҳимияти махсусро барои рушди тиҷорати хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикситон ба даст овардааст. Вазифаҳои муҳими иҷтимоиро иҷро намуда, қарздиҳии хурд ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки ташабуси соҳибкории худро дар амал тадбиқ намоянд. Вақтҳои охир бисёр давлатҳо бо шарофати қарздиҳии хурд талаботи тиҷорати хурдро бо захираҳои молиявӣ таъмин намудаанд. Низоми қарздиҳии хурд сифати зиндагии милионҳо нафар одамонро дар тамоми ҷаҳон беҳтар сохт, чунки онҳо дастрасии васеъро ба гирифтани қарз, низоми суғуртакунӣ ва интиқоли маблағҳо ба даст оварданд.

Бо шарофати қарздиҳии хурд нобоварии аҳолӣ оид ба нарасидани захираҳои молиявӣ ба табақаи камбизоат ва соҳибкории хурд, аз он ҷумла барои соҳибкорони хурди дар соҳаи кишоварзӣ фаъолияткунанда аз байн рафт. Хизматрасонӣ ба аҳолии деҳот, ки нисбат ба аҳолии шаҳр азислоҳоти соҳаи бонкӣ дар охири асри гузашта ба миёномада бештар зарар дид, қарзи хурдро ҳамчун воситаи баланд бардоштани саводнокии молиявӣ қабул намуда, боварии аҳолиро ба низоми молиявию қарзӣ беҳтар намуд.

Муваффақиятҳои қарздиҳии хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба роҳ мондани шарикии ҳақиқӣ мебошад, ки дар он шумораи зиёди муштариён асосан деҳот ҷалб карда мешавад. Қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз тарафи ташкилотҳои молиявии хурд дар он даврае, ки дигар институтҳои молиявӣ ба ин соҳа аҳамияти назаррас намедоданд, оғоз гардид ва сатҳи низоми молиявӣ – қарзиро мутлақо дигар намуд.

Самаранокии қарздиҳии хурд ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосии молиякунонии соҳаи кишоварзӣ дар як муддати кӯтоҳ боло рафта ҳавасмандкунии ташкилотҳои молиявии хурдро таъмин намуд ва аз ин ҷо онҳо ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардиданд.

Талабот ба қарзи хурд дар солҳои охир якчанд маротиба афзоиш ёфта бошад ҳам вале  ҷанбаҳои назариявӣ-методологии он то ҳанӯз яке аз масъалаҳои камтадқиқшуда боқӣ мондаанд.

Сарфи назар аз васеъ паҳн шудани қарзи хурд дар соҳаи кишоварзӣ заминаи методологӣ ва назариявии он ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Дар чунин шароит ба илми иқтисод ва амалияи хоҷагидорӣ масъалаи дарёфт ва таҳияи механизмҳои самарабахши фаъолгардонии бозори хизматрасониҳои маблағгузории хурд, фароҳам овардани заминаи рушди босубот ва таҳкими он қарор дорад., ки дар навбати худ мавзӯи интихобшудаи таҳқиқотиро муҳим гардониданд.

Новобаста аз таҳқиқотҳои зиёди гузаронида дар мавзуи мазкур асосҳои методологии ташаккулёбӣ ва рушди қарздиҳии хурд дар соҳаи кишоварзӣ аз нигоҳи дараҷаи омӯзиш ва зарурияти муайянкунии институтсионалӣ омилҳо ва шароити таъсиррасонанда, муайнкунии самаранокии соҳаи маблағгузории хурд, актуалӣ боқӣ мемонад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мураккабии муносибатҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҷой доштаанд, аз мукаммалгардонии усулҳо ва назарияҳои нави омӯзиши масъалаҳои мазкур дарак медиҳанд ва дар ин асос маҷмӯи тавсияҳоро оид ба такмил додани қарздиҳии хурд дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон талаб менамояд.

Унвонҷӯ дар доираи вазифаҳои гузошташудааш дар асоси омӯзиши тадқиқотҳои дарин самт гузарондаи олимони иқтисоддони

бахши аграрӣ кӯшиш намудааст то андозае асосҳои назариявӣ ва методологии рушди қарздиҳии хурд дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистонро такмил дода, аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот ба хулосаҳои назаррас ояд.

Аҳамияти амалии рисолаи илмӣ дар он аст, ки натиҷаҳои тадқиқот метавонанд метавонад аз тарафи мақомоти давлатӣ барои қабули санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳо ҳангоми бо захираҳои молиявии дастрас таъмин намудани соҳаи кишоварзӣ; барои ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ташкилотҳои лизингӣ, беҳтар намудани шароитҳои молиякунонии қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ истифода шаванд. Баъзе аз тавсияҳои диссертант оид ба такмили низоми қарздиҳӣ ва дигар муносибатҳои қарзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ озмоиш карда шуда, метавонанд, ки дар истеҳсолот тадбиқ карда шаванд. Аз он ҷумла, ба сектори бонкӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод намудани ҳамкории зич ва рушди амали якҷоя бо мақсади ташкили низоми дастгирии мунтазами молиявию қарзии соҳибкории хурди деҳот ва аҳолии камбизоат, аз он ҷумла бо истифодаи технологияҳои нави хизматрасонии фосилавии бонкӣ метавонад дар муддати кутоҳ табиқ гардад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти гузарондашуда ба анҷом расида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии нави муаммои таҳқиқшаванда мебошад. Аз ин рӯ, хулоса намудан мумкин аст, ки мақсади рисолаи диссертатсионӣ ноил гашта, вазифаҳои дар пешбурди иҷро шудаанд.

Ӯ дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ оид ба кори диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ аз ҷумла 3 мақола дар журналҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баровардааст.

Ҳамчун шахсият диссертант Шарипов Хушвахт Пирумкулович аз лаҳзаи фаъолияти меҳнатиаш худро корманди фаъол нишон дода, дар корҳои ҷамъияти факултет, донишгоҳ фаъолона иштирок менамояд.

Иродаи қавӣ ва ахлоқи ҳамидаи ӯро ба инобат гирифта, бо боварии комил гуфта метавонем, ки ӯ дар оянда ҳамчун мутахассиси намоёни соҳаи иқтисоди кишоварзӣ саҳми арзандаи худро дар рушди ватани азизамон гузошт.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи молия ва**
**қарзи Донишгоҳи агарарии**
**Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур** **Олимов А.Х.**

Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони
Рудакӣ 146.Тел: (+ 992 37) 224 58 00
Olimov-1976@mail.ru, Моб: + 992 917 05 90 90

Имзои н.и.и., дотсент Олимов Аловиддин Хайруллоевичро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шохтемур М.А. Тағоева